«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
______________________________
«15» ________________с. 2022

**ХУЛОСАИ**
**ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

оид ба мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Исозода Парвиз Асадулло – «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №1 аз 29-уми августи соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Муаллифи рисолаи илмӣ – Исозода Парвиз Асадулло соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2016 ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Мавсуф дар давраи омода намудани рисолаи илмии худ ҳамчун унвонҷӯ ва дар як маврид, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва

ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Баъд аз супоридани имтиҳонҳои номзадӣ шаҳодатномаи тасдиққунандаи он аз 13 ноябри соли 2021, №144 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Раҳмон Дилшод Сафарбек, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Мушовири илмӣ унвонҷӯ бошад, Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш. Душанбе маҳсуб меёбад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот**. Истиқлолияти давлати барои ҶТ имконияти хубе ба вуҷуд овард то ки Конститутсияи замони соҳибихтиёрии миллии худро қабул намуда, роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро, ки дар он ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, пеша намояд. Зеро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлатдорӣ ва инкишофи ҷамъияти шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин, дар баробари ин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт пайваста тадбирҳои муассиреро роҳандозӣ менамояд.

Дар марҳилаи кунунии давлатдории мо эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ босуръат рушд дошта, ҳуқуқи инсон дар ин раванд ҳамчун унсури асосии алоқамандии байни онҳо баромад менамояд. Ҳуқуқи инсон ва

шаҳрванд ниҳоди асосие мебошанд, ки ба воситаи онҳо вазъи ҳуқуқии шахс танзим гардида, тарз ва ҳудуди таъсиррасонии ҳуқуқӣ муайян карда шуда, кафолатҳои ҳуқуқии ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон муқаррар карда мешаванд.

Масоили мазкур аз муқаррароти Конститутсияи ҶТ, ки санади олии ҳуқуқӣ дар мамлакат эътироф гардидааст, бармеояд. Агар ба меъёрҳои ин санади олии ҳуқуқӣ назар афканем, аён мегардад, ки дар он ҳуқуқи инсон ба сифати арзиши олӣ эълон шуда, дар як вакт, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати уҳдадории давлат муайян карда шудааст. Меъёрҳои мазкури Конститутсия ба таври амиқ моҳияти меъёрҳои санадҳои муҳимми байналмилалӣ, аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар худ инъикос мекунад.

Бояд иброз намуд, ки ҳарчанд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эътироф гардида бошанд ҳам, дар шароити муайян имконияти маҳдудсозии онҳо мавҷуд мебошад. Аммо, ин маҳдудсозӣ низ ба хотири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон амалӣ гардонида мешавад.

Ҳамчунин, мубрамияти мавзуи интихобкардаи мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф дар он дида мешавад, ки дар зери мафҳуми «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» истилоҳ ва тарзҳои мухталифи тафсири маҳдуднамоӣ, ба монанди «маҳдуднамоии ҳуқуқ», «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодӣ», «маҳдуднамоӣ», «маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст, ки ин метавонад боиси ба вуҷуд омадани гуногунандешии ҳуқуқӣ ва дуҳӯрагии маънидоднамоии он дар низоми қонунгузорӣ гардад. Аз ин рӯ, зарурат пеш омадааст, то мафҳуми ягонаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон матраҳ гардида, унсурҳои таркибии он муайян карда шаванд.

Яке аз роҳҳои самараноки таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ин ба таври қонунӣ маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодӣ мебошад. Мақсад аз ин

маҳдуднамоӣ таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ мебошад. Аммо, чи тавре амалияи қонунгузории дохилӣ нишон медиҳад, баъзе мушкилот зимни танзими масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меояд. Махсусан чунин мушкилиҳо ҳангоми истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки танзимкунандаи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, пайдо мешаванд.

Асосҳои овардашуда мубрамияти таҳқиқоти назарӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии мавзуи таҳқикро бештар менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти мукаммали назарӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони муосир мебошад, ки бо назардошти рушди қонунгузории миллӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои алоҳида, анҷом пазируфтааст.

**Диссертант мақсади таҳқиқоти рисолаи илмиро** таҳлили назарӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳамзамон, матраҳ намудани роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа ба ҳисоб меравад. Баҳри ноил шудан ба мақсади таҳқиқот, **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

– муайян намудани мафҳум, моҳият ва мазмуни маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– тавсиф додани принсипҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– таҳлил намудани механизми ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– тавсиф намудани асос, мақсад ва ҳудуди маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун унсури механизми ҳуқуқии конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таснифоти намудҳои маҳдуднамоии ҳуқуқӣ;

– таҳлил намудани воситаҳои асосии маҳдуднамоии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳқиқ кардани мафҳуми маҳдуднамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода, ҳамзамон, муайян намудани шаклҳои ин маҳдуднамоӣ.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти татбиқи маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 ададИ онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд: дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба 10-солаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айни» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дар мазвуи «Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсади таъмини ахлоқи ҷомеа» (Душанбе, соли 2018); дар Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-солгарди қабули Эъломияи умуми ҳуқуқи инсон таҳти унвони «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» дар мавзуи

«Амнияти давлат ҳамчун асоси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» (Душанбе, соли 2019); дар Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» дар мавзуи «Аҳаммияти маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» (Душанбе, соли 2019) ва ғ.

Маврид ба тазаккур аст, ки vавод, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ барои бакалаврҳо ва магистрони факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, инчунин, барои омода намудани мутахассисон барои супоридани имтиҳони тахассусӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон курсҳои махсус, ба монанди «Ҳуқуқи занон», «Ҳуқуқи кӯдак», «Ҳуқуқи гуреза», «Ҳуқуқи муҳоҷирон» инчунин, ҳангоми навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, магистрӣ, дипломӣ ва воситаҳои таълимӣ истифода мешаванд.

**Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарипов С.С.

**Муқарризи №1:**
ходими пешбари илмии
Маркази омӯзиши
"Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон"
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдулхонов Ф.М.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Камолов Ш.Ҳ.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва ҚМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«15» сентябр 2022 с.